**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**

Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С. ________________

аз «02» 02 соли 2026

**НУСХА АЗ ПРОТОКОЛИ № 06**

ҷаласаи навбатии кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 31 январи соли 2026 ш. Душанбе

**Раисикунанда:** Қурбонов Қ. Б., номзади илмҳои ҳукукшиносӣ, дотсенти кафедра

**Котиб:** Саидов Ш. У., мудири кабинети таълимии кафедра

**Иштирок карданд:** Ғаюрзода Ш.К. - профессор, мудири кафедра, профессорони кафедра: Тағойназаров Ш.Т., Маҳмудзода М.А., Ғаффорзода И.Ғ., Қосимзода Ф.А., дотсентон: Ҳиматов Ҳ.Н., Қурбонов Қ.Б., Саидов Ҳ.М., Соҳибзода М.М., Шерзода Б. С., муаллими калон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ: Мирзомуродзода Д.Г., ассистентон: Айюбзода А.Ш., Нарзуллозода Ф.Ҷ., Қодирзода С.С., Ҳакимзода Я.Б., мудири кабинета таълимӣ - Саидов Ш.У. (котиб), Дилрабои Абдуҷаббор - лаборанта кафедра.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Муҳокимаи диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Қодирзода

Сайвалӣ Муҳибулло дар мавзуи «Шарт оид ба сифати мол дар уҳдадорӣ аз шартномаи хариду фурӯш тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ

**Роҳбари илмӣ:** Ғаюрзода Шукрулло Кароматулло, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Қодирзода С.М. баромад намуда, дар бораи сохтор, аҳаммият ва рӯзмаррагии таҳқиқоти диссертатсионии худ маълумот дод. Номбурда мақсад, вазифаҳо, объекти таҳқиқ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалии кори илмиро муфассал шарҳ дода, таъкид намуд, ки танзими ҳуқуқии шарт оид ба сифати мол дар шартномаи хариду фурӯш яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрами ҳуқуқи мадании муосир ба шумор меравад.

Дар баромад зикр гардид, ки сифати мол ҳамчун унсури муҳими шартномаи хариду фурӯш нақши калидӣ дошта, маҳз тавассути муайянсозии дақиқи шартҳои вобаста ба сифати мол ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои тарафҳои шартнома, таъмини иҷрои уҳдадориҳои шартномавӣ ва пешгирии баҳсҳои ҳуқуқӣ таъмин мегардад. Диссертант хусусиятҳо ва ҷанбаҳои асосии танзими ҳуқуқии шарт оид ба сифати молро муайян намуда, онҳоро бо такя ба меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок кард.

Ҳамчунин таъкид шуд, ки таҳқиқот ба таҳлили амалияи шартномавӣ ва таҷрибаи судӣ такя намуда, роҳу усулҳои такмили танзими ҳуқуқии муносибатҳои вобаста ба сифати молро пешниҳод менамояд. Натиҷаҳои бадастомада дорои аҳаммияти назариявию амалӣ буда, метавонанд дар фаъолияти ҳуқуқии субъектҳои хоҷагидорӣ, мақомоти судӣ ва

ҳуқуқэҷодкунӣ, инчунин дар раванди омӯзиши фанҳои ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ истифода гарданд.

Дар рафти маҷлис ба аз ҷониби иштирокчиён Тағойназаров Ш.Т, Ҳиматов Ҳ.Н., Қосимзода Ф.А., Муртазозода Ҷ.С. Саидов Ҳ.М., ба унвонҷӯ саволҳо дода шуд, ки ба онҳо унвонҷӯ Қодирзода С.М. ҷавобҳои мукаммал гардонид.

Баъдан, роҳбари илмии унвонҷӯ Ғаюрзода Шукрулло Кароматулло баромад намуда, оид ба фаъолияти илмӣ омӯзгории Қодирзода С.М. суханронӣ намуда, иброз дошт, ки диссертант қобилияти баланди эҷодӣ дошта, таҳқиқи диссертатсионӣ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва мавзуи он барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мутобиқат карда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад.

Дар охир, роҳбари илмии унвонҷӯ аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш карда шуд, ки диссертантро дастгирӣ намоянд.

Сипас, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Ғаффорзода И.Ғ. баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия намуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия иштирокчиёни дигар, аз ҷумла Тағойназаров Ш.Т., Маҳмудзода М.А., Қурбонов Қ.Б., Саидов Ҳ.М., Соҳибзода М.М., баромад намуда, ба диссертант тавсияҳои муфиди илмӣ доданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқро қайд карда, саҳми диссертантро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои назариявӣ-методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Қодирзода С.М. муҳаққиқи ҷавони пурмаҳсул буда, муаллифи 13 таълифоти илмӣ, иштирокчии конференсия ва семинарҳои

илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳ баён намудани нуктаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба диссертатсияи Қодирзода Сайвалӣ Муҳибулло дар мавзуи «Шарт оид ба сифати мол дар уҳдадорӣ аз шартномаи хариду фурӯш тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мусоидат менамоянд.

Қодирзода С.М. ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас, лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуда,

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Қодирзода Сайвалӣ Муҳибулло дар мавзуи «Шарт оид ба сифати мол дар уҳдадорӣ аз шартномаи хариду фурӯш тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Қодирзода Сайвалӣ Муҳибулло дар мавзуи «Шарт оид ба сифати мол дар уҳдадорӣ аз шартномаи хариду фурӯш тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D. КОА – 018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 31 январи соли 2026, №06 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ 19 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» – 19 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қурбонов Қ. Б.

**Котиби ҷаласа:**
мудири кабинети таълимӣ Саидов Ш. У.

Имзои Қурбонов Қ. Б. ва Саидов Ш. У.-ро
тасдиқ мекунам: Сардори Раёсати
кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

«31» 01 соли 2026

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj